# ТОҶИКИСТОН | TAJIKISTAN

## USCIRF– RECOMMENDED FOR COUNTRIES OF PARTICULAR CONCERN (CPC)

Комиссияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба озодии дини байналмилалӣ (USCIRF) комиссияи мустақил ва дуҳизбии Ҳукумати федералии ИМА мебошад, ки ҳуқуқи умумиро ба озодии дин ва эътиқод дар хориҷи кишвар назорат мекунад. USCIRF, ки дар мутобиқат бо Қонуни байналмилалии озодии дин аз соли 1998 (IRFA) ташкил шудааст, стандартҳои байналмилалиро барои назорати нақзи озодии дин ё эътиқод дар хориҷа ба кор мебарад ва ба президент, котиби давлатӣ ва Конгресс оид ба масъалаҳои сиёсат тавсияҳо мекунад. USCIRF ниҳоди мустақил ва алоҳида аз Департаменти давлатии ИМА мебошад. Гузориши солонаи 2021 натиҷаҳои кори яксолаи кормандони ваколатдор ва мутахассисонро дар бар мегирад, ки кӯшиш кардаанд, нақзҳои дар маҳалҳо руйдодаро сабт карда, ба Ҳукумати ИМА тавсияҳои мустақили худро оид ба масъалаҳои сиёсат пешниҳод намоянд. Гузориши солонаи 2021 давраи аз январи 2020 то декабри соли 2020-ро фаро мегирад, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо рӯйдодҳои муҳимме низ зикр шудаанд, ки пеш ё пас аз ин давра рух додаанд. Барои дарёфти маълумоти бештар дар бораи USCIRF сомонаи онро дар инҷо бубинед ё бо USCIRF мустақиман ба рақами телефони 202-523-3240 тамос гиред.

## ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ

Дар соли 2020 мавқеи Ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаи озодии дин пешрафти каме дошт. Режими Президент Эмомалӣ Раҳмон бо саркӯб кардани нишонаҳои диндории умумӣ аз ҷониби намояндагони ҳамаи мазҳабҳо ва таъқиб кардани ҷамоатҳои ақаллият, махсусан Салафиёни воқеӣ ва эҳтимолӣ - истилоҳе, ки ба таври васеъ ва яксара корбурд мешавад - сиёсатҳои авторитарии худро идома дод. Мақомот аз соли 2009 инҷониб ҷараёни Салафияи исломро “ифротгаро” эълон ва манъ кардаанд; дар натиҷа иҷрои одии маросимҳои исломӣ ба тарифе, ки мақомот онҳоро “бегона” ё номувофиқ бо тавсифи ҳукумат аз мазҳаби ҳанафии исломи суннӣ мешуморанд, таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор мегирад. Тавре ки дар навсозии охирини мавзӯъ аз ҷониби USCIRF муфассал омадааст, Тоҷикистон аз ифротгароии хушунатбор нигарониҳои қонунӣ дорад, аммо сиёсати кунунии он танҳо мушкилотро бештар мекунад, масалан, дар қонуни мубориза бо экстремизми кишвар ин категория ба таври возеҳ муайян нашудааст ва аксар вақт боиси боздошти худсарона мешавад. Фаъолиятҳои ифротгароӣ, террористӣ ва инқилобӣ бидуни ниёз ба амалҳое, ки зӯроварӣ ё ташвиқи хушунати ногузирро дар бар мегиранд, ҷазо дода мешаванд, дар ҳоле ки мурофиаҳо аз рӯи ин иттиҳомот кафолатҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ надоранд. Моҳи январ ҳукумат ба қонунгузорӣ тағйирот ворид кард, ки мувофиқи он ҷораҳои зидди экстремизмро васеъ намуд ва ҷазоҳоро барои мудирият ё маблағгузории фаъолиятҳои ташкилотҳои сабтиномнашудаи динӣ, инчунин ҷамоатҳои динии, ки бо гурӯҳҳои хориҷӣ робита барқарор мекунанд, ба таври назаррас зиёд кард. Бо як иқдоми ҳайратовар ҳукумат ҷазоро барои барангехтани “адовати мазҳабӣ” коҳиш дод, яъне ҷазои ҳабси то панҷ солро бо ҷаримаи маъмурӣ ё ҳабси 10 рӯза иваз кард. Бо вуҷуди ин, пур будани зиндонҳо як масъалаи муҳим боқӣ мемонад ва зиндонҳо як омили асосии радикализми исломгароёна мебошанд. Маҳбусони мазҳабӣ дучори муносибати дағалонаи ҳам мақомот ва ҳам маҳбусони дигар мешаванд, дар ҳоле ки шароити умумӣ ғайриинсонӣ ва шиканҷа фарогир аст.

Саркӯби давлатии аксарияти мусулмонони кишвар мисли солҳои гузашта идома дошт. Аз соли 2017 ин тараф мақомот беш аз 2000 масҷидро бастанд, бисёрии ин масҷидҳо ба қаҳвахонаҳо, корхонаҳои либосдӯзӣ ва дигар маконҳои ҷамъиятӣ табдил шуданд. Масҷидҳои боқимонда аксар бо камераҳои амниятӣ муҷаҳҳаз мебошанд, ки ба ҳукумат имкон медиҳад ҳузури мардум ва мундариҷаи хутбаю мавъизаҳоро назорат кунад. Моҳи январ ҳукумат дастур дод, ки масҷиди маъруфи Хуҷанд, дуюмин шаҳри калони кишвар, бинобар камбуди нисбии кинотеатрҳо дар минтақа ба кинотеатр табдил шавад. Моҳи феврал сардори Раёсати масъалаҳои занон ва оила дар назди мардум ҳиҷобро бо терроризм пайванд дод ва ваъда дод, ки ҳукумат барои “ҳифзи фарҳанги миллӣ” ва “дифоъи мардум” аз таҳдиди либоси мазҳабии занон ҳама кори имконпазирро хоҳад кард. Мақомот бо баҳонаи мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм дар идомаи азобу шиканҷаи аъзои собиқи ҳизби мамнӯъи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) аъзои хонаводаи онҳоро озору азият додаю ҳатто зиндонӣ карданд. Дар моҳи июн, як узви эҳтимолии ҲНИТ пас аз истирдоди ғайриқонунӣ аз Австрия ба 20 соли зиндон маҳкум шуд.

Бисёре аз ақаллиятҳои динӣ аз тарси бозрасии ҳукумат ва бархӯрди иҷтимоӣ мансубияти худро пинҳон мекунанд ва аз нақшаҳои ҳукумат бобати сабти мансубияти мазҳабии фардӣ ҳангоми барӯйхатгирии октябри соли 2020 изҳори нигаронӣ мекунанд. Коҳиши таҳаммулпазирии иҷтимоӣ нисбати ҷомеаҳои ақаллиятҳои динӣ идома меёбад. Масалан, моҳи январ як мусулмони шиа барои ибрози мазҳаби худ зиндонӣ ва эҳтимолан шиканҷа шуд, барои амале, ки мақомот онро ҳамчун паҳн кардани “ғояҳои экстремистӣ” тавсиф мекунанд. Шоҳидони Яҳува аз соли 2008 дар Тоҷикистон ғайриқонунӣ дониста мешаванд; дар айни замон ду намояндаи он барои ибрози боварҳои худ зиндонӣ шудаанд, аз ҷумла марди 69 солае, ки ба муддати ҳафту ним сол маҳкум шудааст.

## ТАВСИЯҲО БА ҲУКУМАТИ ИМА

- Тоҷикистон бори дигар барои нақзи мунтазам, доимӣ ва дағалонаи озодиҳои мазҳабӣ, тавре ки дар Қонуни байналмилалии озодии дин (IRFA) муайян шудааст, ҳамчун “кишвари боиси нигарониҳои хос” ё CPC таъин шавад ва худдорие, ки маъмуриятро дар паи ин таъйинот аз қабули иқдоми қонунии дигари ҳатмӣ озод мекунад, барҳам дода шавад;
- Шарт кардани кӯмаки ИМА ба Ҳукумати Тоҷикистон, ба истиснои кӯмакҳо барои беҳбуди шароити башардӯстона ё пешрафти ҳуқуқи инсон дар масоили 1) ислоҳоти Қонуни дин аз соли 2009 ва беҳтар кардани шароитҳои озодии дину эътиқод ва 2) ташкил кардани омӯзиши ҳатмӣ оид ба озодии дин барои мақомоти Тоҷикистон, аз ҷумла омӯзиш дар бораи манфиатҳои озодии дин дар мубориза ва пешгирии экстремизми хушунатбор, ҳамчун ҷузъе аз ҳамаи кӯмакҳои амниятии ИМА ба Тоҷикистон;
- Ҷорӣ намудани таҳримҳои ҳадафманд нисбати агентиҳои давлатӣ ва мақомоти Тоҷикистон, ки масъул ба нақзи шадиди озодиҳои мазҳабӣ ҳастанд, бо роҳи масдуд кардани дороиҳои ин ашхос ва ё монеъ шудан ба воруди онҳо ба ИМА бар асоси талаботҳои молӣ ва раводидии қонунҳои ҳуқуқи башар, бо ишора ба нақзи мушаххаси озодиҳои мазҳабӣ; ва
- Дар сатҳҳои баландтарин Ҳукумати Тоҷикистонро водор кардан, то шахсонеро, ки барои фаъолиятҳои осоиштаи динӣ ё мансубияти динияшон дар Тоҷикистон маҳбус шудаанд, муайян ва фавран озод кунад; ба маҳалли боздошти ҳамаи маҳбусони виҷдон, аз ҷумла маҳбусоне, ки бо сабабҳои динӣ боздошт шудаанд, масъул бошад; ва ба нозирони байналмилалӣ барои назорати вазъи зиндонҳои Тоҷикистон иҷозат диҳад.

### МАНБАЪҲО ВА ФАЪОЛИЯТҲОИ АСОСИИ USCIRF

- *Муҳокимашунавӣ:* Religious Freedom in Russia and Central Asia
- *Навсозии мавзӯъ:* Promoting Religious Freedom and Countering Violent Extremism in Tajikistan
- *Навсозии мавзӯъ:* The Global Persecution of Jehovah’s Witnesses

### Замина

Тоҷикистон қашшоқтарин кишвари Осиёи Миёна аст ва аз соли 1992 ба ин сӯ аз ҷониби Президент Раҳмон, ки қудратро дар дасти оилаи худ нигоҳ медорад, идора мешавад. Президент Раҳмон дар моҳи октябри соли 2020 ба давраи ҳафтсолаи дигар интихоб шуд ва гуфта мешавад, ки ӯ тақрибан 91 фоизи овозҳоро дар интихоботе, ки ба таври густурда тақаллуб дониста мешавад, ба даст овардаст. Ҳукумат заиф ва хеле фасодзада аст ва дар пайи бӯҳрони COVID-19 дучори фоҷиаи молӣ мешавад. Маъмулан ҳудуди 40 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистонро маблағҳои пулии муҳоҷирон, асосан аз Русия, ташкил медиҳад, аммо ин вазъият ба таври назаррас тағйир ёфт, зеро бо сабаби пандемия бисёре аз муҳоҷирони корӣ маҷбур шуданд ба ватан баргарданд. Аксарияти аҳолии кишвар, тақрибан 86 фоизи он, мусулмонони суннӣ мебошанд, дар ҳоле ки мусулмонони шиа, ки асосан муқими кӯҳистони шарқиянд, тақрибан 4 фоизро ташкил медиҳанд. 10 фоизи боқимондаи аҳолӣ иборат аз православҳои рус, протестантҳо, католикҳо, шоҳидони Яҳува, буддоиён, яҳудиён, баҳоиҳо ва зардуштиён мебошад.

Муҳити ҳуқуқии озодиҳои мазҳабӣ ва боварҳо дар Тоҷикистон пас аз қабул шудани як қатор қонунҳои бениҳоят маҳдудкунанда дар соли 2009 ба таври назаррас бад шуд. Аз ҷумла, Қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ талаботҳои сахти бақайдгирӣ ҷорӣ кардааст; мувофиқи он фаъолиятҳои мазҳабии ба қайд гирифта нашуда, таълимоти хусусии динӣ ва таблиғоти динӣ (прозелитизм) ҷурми ҷиноӣ маҳсуб шудааст; дар бобати миқдор ва андозаи масҷидҳо маҳдудияти сахт ҷорӣ кардааст; дар таъини имомон ва мӯҳтавои хутба дахолати давлатро иҷозат медиҳад; аз ташкилотҳои динӣ барои таъмини омӯзиши динӣ ва робита бо ҳаммазҳабони хориҷӣ иҷозати расмӣ дархост менамояд; ва бар рӯи мӯҳтаво, нашр ва воридоти маводҳои динӣ назорати давлатӣ ҷорӣ шудааст. Тағйиротҳое, ки дар соли 2011 ва 2012 ба Кодекси ҷиноӣ ва маъмурӣ ворид шуданд, як қатор ҷазоҳои нав, аз ҷумла ҷаримаҳои калон ва мӯҳлатҳои зиндон барои иттиҳомоти марбут ба дин, ба монанди ташкил ё иштирок дар ҷамъомадҳои “иҷозатнашудаи” диниро муайян намудааст. Қонуни соли 2011 оид ба масъулияти падару модарон, иштироки ноболиғон дар ҳама гуна фаъолиятҳои муташаккили динӣ, ба ҷуз маросими ҷанозаро манъ мекунад. Аз соли 2014 музди кори имомонро давлат мепардозад, аз онҳо талаб шудааст, ки сарулибоси мазҳабии сохти давлатӣ пӯшанд ва мӯҳтавои хутбаю мавъизаҳо маъмулан аз тарафи давлат муқаррар мешавад.

## Сӯиистифода аз қонунҳои зидди ифротгароӣ

Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 2020 низ бо мақсади сафед кардани амалҳои худ бар зидди иштирокчиёни фаъолиятҳои муайяни мазҳабию сиёсӣ аз нигарониҳояш оиди ифротгароии исломӣ истифода кард. Чун солҳои гузашта, Тоҷикистон ин баҳонаро барои барои саркӯб кардани шахсони алоҳида дар соҳаҳои дин, расонаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба кор бурд. Масалан, ин баҳона дар Осиёи Марказӣ ба зиндонӣ шудани рӯзноманигорон бо иттиҳомоти ифротгароӣ, робитаҳои эҳтимолии террористӣ ва барангехтани кинаю адовати динӣ оварда мерасонад. Моҳи март ҳукумат расонаи хабарии воқеъ дар Прага Akhbor, сомонаеро, ки собиқ корманди радиои Radio Free Europe/Radio Liberty барои таъмини иттилооти объективӣ, ки дар дохили Тоҷикистон асосан дастрас нест, ташкил дода буд, бо ин иддао, ки сомонаи мазкур "заминае" барои "ифротгароиву терроризм" аст, ба таври расмӣ манъ кард. Akhbor бо ишора ба мухолифати расмӣ ва таҳдиде, ки аз он ба рӯзноманигорон, коршиносон ва иштирокчиёни сомона бармеояд, маҷбур шуд фаъолияташро дар моҳи ноябр қатъ кунад. Моҳи апрел додгоҳи Тоҷикистон рӯзноманигор Далер Шариповро барои "барангехтани кинаю адовати динӣ", эҳтимолан барои иттилоърасонии ӯ дар бораи шароитҳои озодии динӣ дар кишвар, аз ҷумла чорабиниҳои ҳукуматӣ бар зидди ҳиҷоб, ба муддати як соли зиндон маҳкум кард. Сохторҳои давлатӣ тамоми тасмимҳоро дар бораи ифротгароӣ тавассути раванди пӯшида ва ношаффофе мегиранд, ки ба нафъи таъқиботи қонунист ва ҳеҷ гуна муқаррароте барои таҳлили мустақил вуҷуд надорад.

## Таъқиби мусулмонон аз ҷониби ҳукумат

Дар соли 2020, ҳукумат хабсҳои оммавӣ ва бозпурсиҳои пешвоёни исломиро, аз ҷумла рӯҳониёни барҷастаи мусулмони сӯфӣ ва бисёре аз касоне, ки дар хориҷа таҳсилоти динӣ гирифтаанд, анҷом дод. Ин тамоюл эҳтимолан кӯшиши ҳукуматро барои саркӯбии дигарандешон ва таъмини риоя пеш аз интихоботи порлумонӣ ва президентӣ, бо роҳи тарсонидани пешвоёни диние, ки аз расмиёти иҷозатшудаи ҳанафӣ пайравӣ намекунанд, ифода мекард. Илова бар ин, аз моҳи январ ҳукумат ҳадди аққал 154 нафарро, ки ба узвият дар созмони мамнӯи Ихвонулмуслимин муттаҳам мекунад, боздошт кардааст; дар моҳи июн як рӯҳонии мусулмон ва се бародари ӯ бо иттиҳоми узвияти эҳтимолӣ дар ин гурӯҳ ба мӯҳлатҳои шартии зиндон маҳкум шуданд, дар ҳоле ки 10 айбдоршавандаи дигар, аз ҷумла писар, домод ва ҷиянҳои ин сархатиб ба мӯҳлатҳои аз панҷ то ҳафт сол ба ҳабс маҳкум шуданд. Моҳи август, додгоҳ 20 узви эҳтимолӣ, аз ҷумла донишмандон, соҳибкорон ва ҳадди ақал як мақоми давлатиро ба мӯҳлатҳои аз панҷ то ҳафт соли зиндон маҳкум кард. Моҳи ноябр, мақомот Эшони Сироҷиддин, рӯҳонии маъруфро, ки қаблан барои омӯзиши ҷараёни Салафии ислом маҳкум шуда буд, ба ҳабс гирифтанд.

## СИЁСАТИ АСОСИИ ИМА

Сиёсати ИМА дар мавриди Тоҷикистон аҳамияти амният ва робитаҳои минтақавиро таъкид мекунад. Моҳи январ, Муовини якуми онвақтии Ёвари Котиби Давлатии ИМА оид ба корҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Алис Ҷ. Уэллс ба Тоҷикистон ташриф оварда, изҳор дошт ки Иёлоти Муттаҳида "ҳамкориҳои амниятии [худро] дар масоили амнияти сарҳад, мубориза бар зидди терроризм, ҳифзи ҳуқуқ ва машқу тамринҳои муштараки низомӣ амиқтар мекунад". Ӯ чанд дафъа ба кӯмаки бештар аз 200 миллион доллар ишора кард, ки Ҳукумати ИМА ба Тоҷикистон барои тақвияти сарҳадҳояш бо Афғонистон фароҳам кардааст, инчунин нигарониҳои худро бобати маҳдудиятҳои озодиҳои асосӣ баён намуд. Генерал Френк Маккензӣ, фармондеҳи Фармондеҳии Марказии ИМА, моҳи октябр бори аввал ба Тоҷикистон омад. Ӯ бо Президент Раҳмон ва дигар мақомоти баландпояи низомию амниятии кишвар барои машварат оид ба идомаи ҳамкориҳои марбут ба амният ва осоиштагӣ дар Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Афғонистон вохӯрд.

Моҳи октябр Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) аввалин маъмурияти пурраи худро дар Тоҷикистон роҳандозӣ кард; ҳузури пешинаи он дар кишвар ба ҳайси бахши маъмурияти минтақавии Қазоқистон буд. Барномаҳои USAID дар Тоҷикистон бо мақсади тақвият додани амнияти ғизоӣ, дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, беҳтар кардани сифати таълим ва дастрасӣ, мубориза бо қочоқи инсон ва мусоидат ба муҳоҷирони корӣ барои дубора пайвастан ба ҷамоатҳои ватании худ амал мекунанд. Департаменти Давлатии ИМА Тоҷикистонро аз соли 2016 ин тараф батакрор ва бори охир, 2 юми декабр ҳамчун кишвари CPC таъин намуд, аммо инчунин аз ҷорӣ кардани ҳама гуна таҳримҳои марбут ба кишвар "дар мутобиқат бо манфиати муҳимми миллии ИМА" худдорӣ кард.